# *ҲУҚУҚШИНОСӢ*
# *ЮРИСПРУДЕНЦИЯ*
# *JURISPRUDENCE*

*УДК 34С4 (С53)*
*Б 79*

*С.Ш. БОЛТУЕВ.,*
*Ҳ. ҒАФУРОВ*

## САМТҲОИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ ИТТИЛООТИ КОМПЮТЕРӢ

Давраи имрӯзаи инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қабул, коркард ва паҳнкунии ҳаҷми бузурги иттилоот, тавассути системаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз ҳаҷми асосии иттилооти истифодашаванда ва таъсиррасонро, иттилооти компютерӣ ташкил медиҳад, ки намуд ва манбаҳои мухталиф дошта метавонад. Зеро, иттилооти компютерӣ маҳсули технологияи сатҳи баланд буда, муносибатҳои ҷомеаро пурра ва дар миқёси беканор фаро гирифтааст. Бо баробари истифода аз имкониятҳои васеи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ, зери таҳдидҳои бешумори вайронкунандагони мухталифи системаҳои мазкур қарор гирифтааст. Ҳифзи иттилооти компютерӣ масъалаи комплексӣ буда, он дар сатҳи давлатӣ ташкил карда шуда, самтҳои он аз таъмини асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникӣ иборат мебошад. Аз ин нуктаи назар таҳлили асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иттилоот дар давлати соҳибистиқлол ва қонунҳои дар ин замина қабул гардида, бо мақсади пайгирона ба ҳисоб гирифтани навовариҳои соҳаи системаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар системаҳои иттилоотии муосир содир шудани ҷиноятҳо зиёд ба назар расида, аз доираи муносибатҳои шахсони алоҳида берун шуда, ба ҷиноятҳои соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Аз ин лиҳоз масъалаҳои таъмини асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иттилооти компютерӣ, дар доираи фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкории Шанхай, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он шомил аст, муҳокима гардида қарорҳои дахлдор қабул карда шудааст [12]. Масъалаи таъмини ҳуқуқии фазои иттилоотии фаъолияти ҷомеаи

Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сатҳи давлатӣ бо қабули қонунҳои мушаххас ҳал карда шуда иттилооти компютерӣ тавассути мафҳумҳои ҳуҷҷати электронӣ, маълумоти электронӣ, системаҳои иттилоотӣ, технологияи иттилоотӣ, захираҳои иттилоотӣ, ҳомили мошинӣ, имзои электронии рақамӣ, калиди имзои электронии рақамӣ , криптография ва дигарҳо акси худро ёфтааст [1-6,8,9]. Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба корҳои таҳлилӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ доир ба ҳифзи иттилоот таваҷҷӯҳи лозимӣ зоҳир карда намешавад. Аз ин ҷо ду хулоса бармеояд: а) масъалаи мазкур то ба дараҷае ҷомеаи моро ба ташвиш наовардааст; б) мутахассисон ва соҳаи мазкур дар давраи инкишоф қарор доранд ва то ба дараҷаи таҳлил ва тадқиқи муаммоҳои он нарасидаанд.

Дуруст дарк карда тавонистани самтҳои таъмини ҳуқуқии ҳифзи иттилоот, аз як тараф, фаъолияти мутахассисони ҳуқуқшиноси қудрати баланди касбии истифодаи технологияҳои иттилоотии нав доштаро талаб мекунад, ки барои пешрав шудани онҳо ҳамарӯза заминаҳои техникӣ ва барномавӣ беҳтар мешавад, аз тарафи дигар бошад, мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотии муосир бояд сатҳи лозимии донишҳои ҳуқуқӣ дошта бошанд. Бинобар ин барои ҳамкории мутахассисони соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ ва технологияҳои иттилоотии муосир зарурияти воқеъӣ ба миён омадааст ва бо ҳамин мақсад дар мақолаи мазкур самтҳои таъмини ҳуқуқии ҳифзи иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз нигоҳи мутахассисони ин ду соҳа мавриди муҳокима қарор гирифта, минбаъд ба таҳлили чуқури қисматҳои алоҳидаи он равона карда мешавад.

Иттилоот ҳамчун мафҳуми алоҳида, дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон [1, саҳ.1] чунин муайян карда шудааст: «**иттилоот** – маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва чараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо». Ифодаи, **сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо**, чунин маънӣ дорад, ки маълумоти электронӣ низ иттилоот буда, онро тавассути техникаи ҳисоббарор тартиб дода мавриди истифода қарор медиҳанд, зеро қонуни дигар собит месозад: **«маълумоти электронӣ (иттилооти электронӣ)** – пешниҳоди электронии ҳама гуна иттилооте, ки мошинаи электронии ҳисоббарор қабул мекунад» [6, саҳ.2]. Мусаллам аст, ки таъмини ҳифзи иттилооти компютерӣ яке аз масъалаҳои бисёрҷанба ва мураккаб ба ҳисоб рафта, ба таври комплексӣ ва дар сатҳи давлатӣ ҳал карда мешавад. Дар самти ҳуқуқии ин масъала, ки ибтидо ва ҷанбаи муҳимтарини он ба ҳисоб меравад, якчанд қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул [2;5;6;8] ва тағйиротҳои лозимӣ ба қонунҳои мавҷуда ворид карда шудааст [9].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тавсифҳои асосии иттилооти ҳифзшаванда аз махфӣ, аз дастрас ва яклухт будани иттилоот иборат мебошанд.

Махфӣ будани иттилоот дар қонунҳои мавҷуда ва маълумотҳои соҳаи ҳифзи иттилоот ҳамчун муҳофизати он аз дастрасии беиҷозат муайян карда шудааст.

Дастрасии иттилоот бошад, имконпазирии дар фосилаи муайяни вақт гирифта тавонистани иттилооти лозимиро ифода менамояд.

Яклухтии иттилоот бошад, ин зарурият ва муҳофизати он аз вайроншавӣ ва тағйиротҳои беиҷозат ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз бехатарии иттилооти компютерӣ низ ба таъмини ин се тавсифҳои асосии махфӣ, дастрас ва яклухтии иттилоот нигаронида щуда,

самтҳои асосии тадқиқи ҳифзи иттилоот ва системаҳои иттилоотиро ташкил медиҳанд.

Мутобиқ ба инкишофи сектори хусусии фаъолияти инсон иттилооти компютерӣ ба шахси алоҳида низ мансуб шуда метавонад, ки одатан дар компютерҳои инфиродӣ нигоҳ дошта мешавад. Вобаста ба дастрасии худ иттилоот намудҳои мухталиф дошта, дар қонунҳои мавҷуда ба таври зерин муайян карда шудаанд:

«**иттилооти оммавӣ** – иттилоотест, ки ба таври оммавӣ тавассути нашриёҳо, воситаҳои сабти овоз ва видео паҳн карда мешавад;

**иттилооти махфӣ** – иттилооти дорои сирри давлатӣ, ки мувофиқи «Номгӯи маълумотҳои дорои сирри давлатӣ» ташкил ёфта, ошкор намудани он ба амнияти давлат зарар расонида метавонад;

**иттилооти пинҳонӣ** (конфиденсиалӣ) – маълумот дар соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдории шахсони алоҳидаи воқеӣ ё ҳуқуқӣ қарордошта, ки метавонанд бо хоҳиши молик ба таркиби маълумоти давлатӣ дохил карда шаванд;» [1, с.1]. Вобаста ба намуди иттилоот ҳифзи он низ мухталиф шуда хароҷот, пеш аз ҳама, бо арзиши иттилоот муайян карда мешавад. Арзиши хароҷоти таъмини ҳифзи иттилоот аз арзиши худи иттилоот зиёд шуда наметавонад.

Албатта **иттилооти оммавӣ** барои ҳама дастрас мебошад ва барои таъмини заминаи ҳуқуқии он қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот» амал мекунад [8].

Дастрасии **иттилооти махфӣ** бошад дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» ба танзим дароварда шудааст [3]. Дар ҳолати мавҷуд будани чунин иттилоот дар компютери фардӣ шаҳрванд барои таъмини ҳифзи он бояд чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникиро, мутобиқи талаботҳои қонуни мазкур, андешида барояд.

Яке аз намудҳои **иттилооти пинҳонӣ** дар компютери фардӣ ин **сирри тиҷоратӣ ва бонкӣ** маҳсуб меёбад, ки барои фошкунии ғайриқонунии он татбиқи моддаҳои 277 ва 278 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудаанд [9].

**Сирри тиҷоратӣ** гуфта, маҷмӯи маълумотро меноманд, ки ба сирри давлатӣ мансуб набуда, барои субъекти худ, арзиши муайян дорад , фош кардани он ба субъект зарар меорад ва бо мақсади махфӣ нигоҳ доштани он чораҳои лозимӣ андешида шудааст. Ҷиҳатҳои муҳими ин гуфтаҳо аз он иборат аст, ки сирри тиҷоратӣ ё иттилооти махфӣ арзиши муайян дошта, моликияти соҳиби худ мебошад. Илова бар ин, маълумот танҳо дар ҳолати андешидани чораҳои таъмини ҳифзи он сирри тиҷоратӣ шуда метавонад ва молики чунин иттилоот, доир ба зарари дидаи худ аз фошкунии ғайриқонунии иттилооти махфӣ ё тиҷоратӣ, асоси даъво карданро пайдо мекунад.

Ҳамин тавр маълум мешавад, ки барои таъмини ҳифзи сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ андешидани чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникиву барномавӣ зарур аст.

Дар корхона ва ташкилотҳо, ки дорои сирри тиҷоратӣ ва бонкӣ мебошанд, ин чорабиниҳо муфассал ва ҳаматарафа гузаронида мешаванд. Ҳамзамон барои шахсони алоҳида ва компютери фардии онҳо низ ин чораҳо бояд андешида шаванд. Самти чораҳои ҳуқуқии ҳифзи иттилоот дар корхонаву ташкилотҳо,

аввалиндарача ба ҳисоб рафта, қадами нахустин аз тартиб додани «Дастури таъмини бехатарии сирри тиҷоратӣ» ибтидо гирифта, муҳтавои он, масъалаҳои зеринро муайян менамояд:

- таркиб ва ҳаҷми маълумот, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳад;
- тартиби вогузории тамғаи «Сирри тиҷоратӣ» ба маълумот, корҳо, маҳсулот ва бекор кардани он;
- тартиби иҷозат ба маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ, барои кормандони корхона ва шахсони ба ин кор ҷалбшаванда;
- тартиби истифода, баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва тамғагузории ҳуҷҷатҳо ва дигар барандаҳои маълумот, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳанд;
- ташкили назорат аз болои тартиби истифодаи маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ;
- тартиби қабули ӯҳдадориҳои байниҳамдигарии субъектҳои хоҷагидорӣ оиди махфӣ нигоҳ доштани сирри тиҷоратӣ, ҳангоми бастани шартномаҳои ҳамкорӣ;
- тартиби татбиқи чораҳои интизомӣ ва моддӣ, нисбати кормандони сирри тиҷоратиро фош намуда;
- вогузории ҷавобгарӣ барои таъмини махфӣ нигоҳ доштани сирри тиҷоратӣ ба шахси масъул.

Баъди тартиб додани дастури мазкур дар корхона ё ташкилот, барои таъмини бехатарии сирри тиҷоратӣ, чорабиниҳои ҳуқуқии зеринро гузаронидан лозим аст:

- бастани шартномаи ҷавобгарии пурраи моддӣ бо кормандон;
- қабули забонхат доир ба махфӣ нигоҳ доштани сирри тиҷоратӣ ва ҷавобгарӣ нисбат ба он;
- ба шартномаи тиҷоратӣ илова намудани дастур оид ба сирри тиҷоратӣ.

Ҳамзамон, бо мақсади пешгирӣ кардани вайронкуниҳои бехатарии иттилоoти компютерӣ, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон , «Фасли XII, Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, Боби 28 Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» [9, с.87] чораҳо пешбинӣ шудаанд.

Дар самти чораҳои ташкилӣ, барои ҳифзи маълумоти махфии ташкилоти дорои сирри тиҷоратӣ, корҳои зерин бояд анҷом дода шаванд:

- таъин намудани шахси масъул доир ба таъмини махфият;
- ташкили шӯъбаи махсуси реҷаи кории махфӣ дошта;
- омода намудани системаи дастрасии боиҷозат ба иттилооти махфӣ;
- ташкили ҳуҷҷатгузории махфӣ;
- дохил намудани тамғагузории ҳуҷҷатҳо ва дигар намудҳои иттилооти махфӣ.

Дар самти чораҳои техникӣ ва барномавии ҳифзи иттилоот дар корхона ё ташкилоти дорои иттилооти махфӣ масъалаҳои зерин ҳал карда мешавад:

- ошкор намудани манбаҳои имконпазири ихроҷи иттилоот;
- харидорӣ ва насби таҷҳизот ва барномаҳои ҳифзи иттилоот;
- мунтазам гузаронидани чорабиниҳои фаврӣ доир ба ҳифзи техникӣ ва

кофтукови самтҳои ихроҷи иттилоот.

Ҳангоми ҳалли чораҳои техникиву барномавӣ ба масъалаи сатҳу сифати воситаҳои таъмини бехатарии иттилоотӣ аҳамият додан лозим аст. Барои ин талаботҳои умумӣ ба системаҳои таъмини бехатарии иттилоот ба намуди стандартҳо тартиб дода мешаванд. Стандартҳои соҳаи ҳифзи иттилоот аввал дар миқёси давлатҳои алоҳида тартиб дода шудааст, вале бо сабабҳои ҷаҳонишавии системаҳои иттилоотӣ зарурати тартиб додани стандартҳои байналмилалӣ ба миён омадааст. Стандартҳои байналмилалӣ аз тарафи ташкилоти байналмилалии стандартикунонии ISO (International Standard Organization) тартиб дода шуда, дар соҳаи таъмини бехатарии иттилооти компютерӣ, «Критерияҳои умумӣ» ( Common criteria ), аз соли 1996, нахустин стандарт ба ҳисоб меравад. Дар заминаи стандартикунонии системаҳои ҳифзи иттилоот ва системаҳои иттилоотӣ аз тарафи Агентии стандартикунонӣ, метрология ва назорати савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, якчанд стандартҳо ба тавсиб расидааст [10,11].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии ихроҷи иттилооти махфӣ аз тарафи кормандон иҷро накардани талаботҳои бехатарӣ мебошад (атрофи 80%). Аксари шаҳрвандон барои он ба вайронкунии бехатарии иттилоот даст намезананд, ки чунин амали онҳо аз тарафи ҷомеа маҳкум карда мешавад. Аз ин лиҳоз барои таъмини ҳифзи иттилоот гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва чорабиниҳои психологӣ аҳамияти бузург дорад, ки аз зеринҳо иборат шуда метавонад:

- таъмини фазои мусоид барои ҷомеаи меҳнатӣ;
- гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо кормандон ва мизоҷон;
- мунтазам гузаронидани санҷиш (ошкор ва пинҳонӣ) барои ошкор намудани шахсони номусоид.

Яке аз тавсияҳои асосии ҳифзи иттилооти компютерӣ ин истифода аз воситаҳои рамздоркунӣ (криптография) ва пинҳонкунии он (стеганография) ба ҳисоб меравcomponentand. Ба наздикӣ қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография», воситаи мазкури ҳифзи иттилоотро муҳим арзёбӣ менамояд. Зеро ҳаҷми иттилооти мавриди мубодила ва коркард қарор гирифта ба маротибҳо афзоиш ёфта, ҳифзи он аз дастрасии беиҷозат, хусусан барои иттилооти компютерӣ, сатҳи баландро талаб менамояд. Ҳамзамон мо шоҳиди он мебошем, ки ҳаҷми зиёди иттилооти рақамии тасвир, мусиқӣ ва наворҳо ба тафаккури ҷомеа ҳамарӯза таъсир мерасонанд. Ҳар яке аз ин манбаҳои маълумот имкониятҳои бемаҳдуди пинҳонкунии иттилооти манъшуда ва зараррасонро доро мебошад. Вале бо сабабҳои суст будани таъминоти техникӣ ва барномавии таҳлили таркиби манбаҳои маълумоти зикршуда, мавҷуд набудани заминаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии истифодаи стеганографияи компютерӣ ва рақамӣ, мо имрӯз аз ин таҳдидҳои иттилоотӣ пурра бехабар ҳастем. Таҳлили корҳои илмӣ-тадқиқотии соҳаи мазкур дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки дар давлатҳои пешрафта ин масъала мавриди омӯзиш ва тадқиқҳои ҷиддӣ қарор гирифтааст. Моро низ зарур аст, ки корҳои тадқиқи таркиби манбаҳои иттилоотии рақамии садогӣ, тасвирӣ ва наворҳо, дар сатҳи давлатӣ, ташкил карда шавад. Зеро аз ин тадқиқотҳо солимии тафаккури шаҳрвандон ва гузашта

аз он вазъи самти муҳимтарин ва нозуктарини ҷинояткории бо тафаккури ҷомеа алоқаманд буда пурра вобаста мебошад.

Ҳалли масъалаи таъмини ҳифзи иттилооти компютерӣ дар замони муосир, барои давлати пешрафтаи ҷаҳон ба монанди Русия, низ мушкил аст, аммо ба ин нигоҳ накарда онҳо ният доранд, ки бо ҷаҳишҳои назарраси соҳаи мазкур ба ҳалли ин масъала муваффақ гарданд [13]. Албатта, истифодаи ҳамаҷонибаи дастовардҳои давлатҳои дигари пешрафтаи ҷаҳон барои мо аҳамияти калон дорад. Ҳамзамон барои самаранок ва ба манфиати таъмини амнияти миллии худ истифода бурдани дастовардҳои ҷаҳонӣ, мо бояд, мутахассисони қудрати баланди касбӣ доштаро дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла ҳуқуқшиносӣ, бо истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ тайёр намоем.

Ҳамин тавр таҳлили самти ҳуқуқии ҳифзи иттилооти компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки заминаҳои ҳуқуқии он ба намуди қонунҳову стандартҳо барои субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ дар сатҳи давлатӣ ва дастурҳо барои хизматчиёни корхонаву ташкилотҳо мавҷуд мебошад. Инчунин тавсия ва стандартҳои ҳифзи иттилооти компютерӣ, ки дар сатҳи байналмилалӣ тартиб дода шудаанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби шомил будан ба созмонҳои байналмилалӣ истифода бурда метавонад. Бо дар назардошти ҷаҳонишавии системаҳои иттилоотӣ истифодаи самараноки имконияти мазкур мувофиқи мақсад мебошад. Зеро истифодаи техника, технология ва барномаҳои навтарини сатҳи баланди ҳифзи иттилоотро таъминкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир мегардад. Ҳамзамон дар соҳаи таъминоти ҳифзи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммоҳое мавҷуд мебошанд, ки такмил додани заминаҳои ҳуқуқиро талаб мекунанд. Яке аз чунин муаммоҳо бо стеганографияи компютерӣ ва рақамӣ вобаста мебошад, ки заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрии истифода ва татбиқи худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон надорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли дигар давлатҳо [14], стратегияи худро дар соҳаи иттилоот бояд дошта бошад, ки он ҳамаи ҷанбаҳои таъмини мавқеи сазовори давлатро дар ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотӣ дар бар мегирад ва нишондиҳандаҳои асосии инкишоф ва роҳҳои расидан ба онҳоро муайян мекунад. Дар стратегияи давлатӣ бо мақсади таъмини амнияти миллӣ, тараққиёти бештари техника, технология ва воситаҳои ҳифзи иттилоотии ватанӣ, тайёр кардани мутахассисони оянда, бо истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ҳаматарафа ҷонибдорӣ карда шавад.

Яке аз принсипҳои асосии таъмини бехатарии иттилоот ин ба ҳифзи иттилоот манфиатдор будани ҳар як шахс мебошад. Аз ин лиҳоз яке аз самтҳои асосии таъмини ҳифзи иттилооти компютерӣ ин баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии шаҳрвандон доир ба заминаҳои ҳуқуқии ҳифзи иттилоот, иттилооти махфӣ, технологияҳои ҷадиди иттилоотӣ, дараҷаи зиракӣ ва ҳисси ватандӯстии онҳо ба ҳисоб меравад. Бо мақсадҳои ҳифзи иттилооти компютерӣ аз воситаҳои беҳтарин ва муосир истифода бурдан лозим аст, дар акси ҳол ин амалиёт маънӣ надорад ва муборизаро бар зидди ҷиноятҳои соҳаи иттилоот оғоз накарда онро бохтан мумкин аст.

Иттилоот ҳифзшаванда ва махфӣ буда, пеш аз ҳама бояд қонунӣ гардонида

шавад, дар акси ҳол асоси ҳуқуқии ҳифзи он вуҷуд надорад.

***Калидвожаҳо:*** *ҳифзи иттилооти компютерӣ, махфӣ, яклухт, дастрас, стандарт, криптография, стеганография, бехатарӣ*

**Пайнавишт:**


1. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» Душанбе, 10.05.2002 с. http://www.mmk.tj/library/dar_borai_ittiloot.rar, 20.09.13 с.*
2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» Душанбе, 02.12.2002с. www.mmk.tj/library/dar_borai_hifzi_ittiloot.rar, 20.09.13с.*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» Душанбе, 22.04.2003 с. www.mmk.tj/library/dar_borai_sirri_davlati.rar, 20.09.13 с.*
4. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумотҳое, ки сирри давлатиро ташкил медиҳанд» Душанбе, 10.05.2002 с. http://www.mmk.tj/library/dar_borai_nomgui_sirri_davlati.rar, 20.09.13 с.*
5. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъи махфӣ» Душанбе, 21.07.2010 с. www.mmk.tj/library/dar_borai_ihtirooti_mahfi.rar, 20.09.13*
6. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ », Душанбе, 30.06.07 mmk.tj/library/dar_borai_imzoi_elektroni.doc, 20.09.13 с.*
7. *Шангин В.Ф. Информационная безопасность компьютерных систем и сетей. - М.: ФОРУМ-ИНФРА-М, 2008. -416с.*
8. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» Душанбе, 18.06.2008 с. http://www.mmk.tj/library/konuni_chumhurii_tochikiston_dar_borai_dastrasii_ittiloot.doc, 20.09.13 с.*
9. *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1998-2012 с. http://mmk.tj/library/kodeksi_chinoyatii_cht.rar, 20.09.13.*
10. *Стандарт Республики Таджикистан - СТ РТ 1049-2002 «Защита информации, оценка качества программных средств», Общие положения, Душанбе 2002, http://eds.tj/gost/106-st-rt-1049-2002.html, 20.09.13.*
11. *Стандарт Республики Таджикистан - СТ РТ 1051-2002 «Защита информации, информационные технологии», Методы испытаний изделий электронной техники. –Душанбе, 2002, http://eds.tj/gost/108-st-rt-1051-2002.html, 20.09.13.*
12. *Шерстюк, В.П. Угроза международной информационной безопасности в условиях формирования глобального информационного общества и направления сотрудничества // Право и безопасность - 4 (37), Декабрь 2010. http://dpr.ru/pravo/pravo_33_8.html , 20.09.13.*
13. *Медведев, Д.А. О реализации Стратегии развития информационного общества в Российской Федерации (Петрозаводск, 17.07.2008) // Право и безопасность. -№ 3 (28). Ноябрь 2008 с. http://www.dpr.ru/pravo/pravo_24_1.htm, 20.09.13 с.*
14. *Стратегия развития информационного общества в Российской Федерации, фармони № ПР-212 аз 07.02.2008 . //Право и безопасность. -№ 3 (28), Ноябрь 2008 с. http://www.dpr.ru/pravo/pravo_24_og1.htm, 20.09.13 с.*


**Reference Literature:**


1. *Law of the Republic of Tajikistan "About Information" Dushanbe, 10.05.2002, http://www.mmk.tj/library/dar_borai_ittiloot.rar , 20.09.13.*
2. *Law of the Republic of Tajikistan "About Protection of Information" Dushanbe, 02.12.2002 www.mmk.tj/library/dar_borai_hifzi_ittiloot.rar , 20.09.13*

3. *Law of the Republic of Tajikistan «About State Secrets» Dushanbe, 22.04.2003 www.mmk.tj/library/dar_borai_sirri_davlati.rar , 20.09.13 .*
4. *Law of the Republic of Tajikistan «About the Information Forming State Secret» - Dushanbe, 10.05.2002 http://www.mmk.tj/library/dar_borai_nomgui_sirri_ davlati.rar, 20.09.13 .*
5. *Law of the Republic of Tajikistan «About Secret Invention» Dushanbe, 21.07.2010 www.mmk.tj/library/dar_borai_ihtirooti_mahfi.rar, 20.09.13*
6. *Law of the Republic of Tajikistan «About Electronic Digital Signature», Dushanbe, 30.06.07 mmk.tj/library/dar_borai_imzoi_elektroni.doc, 20.09.13.*
7. *V.F.Shangin " Informational Security of Computer Systems and Networks", M.: FORUM-INFRA-M, 2008, 411pp.*
8. *Law of the Republic of Tajikistan «On the Rights Concerned with Access to Information» -Dushanbe, 18.06.2008, http://www.mmk.tj/library/konuni_ chumhurii_tochikiston_dar_borai_dastrasii_ittiloot.doc, 20.09.13.*
9. *Penal Code of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, 2012 http://mmk.tj/library/kodeksi_chinoyatii_cht.rar, 20.09.13.*
10. *The Standard of the Republic of Tajikistan - ST RT 1049-2002 "Protection of Information, Estimation Quality of Software ", the general provisions; Dushanbe 2002, http://eds.tj/gost/106-st-rt-1049-2002.html , 20.09.13.*
11. *Standard of the Republic of Tajikistan - ST RT 1051-2002 "Protection of Information, Information Technologes", Methods of the Tests Related to Electronic Technique Products Dushanbe 2002, http://eds.tj/gost/108-st-rt-1051-2002.html , 20.09.13.*
12. *Sherstyuk V.P. The Threat to International Information Security under the Conditions of the Formation of Global Information Society and Streamlines of Cooperation. The Journal "Right and Security”. - 4 (37), December 2010, http://dpr.ru/pravo/pravo_33_8.html, 20.09.13.*
13. *Medvedev D.A. "On Realization of the Strategy of Development of Informational Society in Russian Federation” (Petrozavodsk, 17.07.2008), Journal "Right and Security" 3 (28), November 2008 http://www.dpr.ru/pravo/pravo_24_1.htm , 20.09.13.*
14. *"Strategy of Information Society Development in Russian Federation", order PR-212 from 07.02.2008. Journal "Right and Security" 3 (28), November, 2008 http://www.dpr.ru/pravo/pravo_24_og1.htm , 20.09.13*

## *Правовые направления обеспечения защиты компьютерной информации*

***Ключевые слова:*** *защита компьютерной информации, секретный, целостность, доступность, стандарт, криптография, стеганография, безопасность*

*Статья посвящена главному и определяющему направлению безопасности информации, которым является правовое обеспечение защиты компьютерной информации. Защита компьютерной информации является комплексной задачей, решаемой на государственном уровне. При этом обеспечение правовых основ защиты информации является основным и определяющим для всех остальных мероприятий. В Республике Таджикистан для обеспечения защиты компьютерной информации принят ряд новых законов и внесены изменения в существующие законы. Также разработан и принят ряд нормативных документов в виде*

*стандартов Республики Таджикистан для установки требований к системе защиты компьютерной информации.*

**Legal Streamlines Related to Protection Security of Computer Information**

***Key words:*** *computer information protection, secretive, entirety, availability, standard, cryptography, stegonographia, security*

*The article dwells on the main determining streamline of information security; this streamline being legal security of information protection. Protection of computer information is a complex goal solved on state level. Hereby provision of legal grounds concerned with the protection of information plays the paramount importance for all other measures. A number of new laws are adopted in Tajikistan Republic for computer information protection and alterations are introduced into the functioning laws. A number of normative instruments are also elaborated and adopted in Tajikistan Republic in terms of standards for an establishment of requirements to the system of computer information protection.*

***Роҷеъ ба муаллиф:***

***Болтуев Самад Шарифбоевич,*** *номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи граждани, соҳибкорӣ ва байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд),* ***e-mail:*** *legalsupport-1@mail.ru*

***Ғафуров Ҳалимҷон,*** *номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотии автоматикунонидашудаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд),* ***e-mail:*** *halim@rambler.ru*

***Сведение об авторах:***

***Болтуев Самад Шарифбоевич,*** *кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой гражданского, предпринимательского и международного права Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: legalsupport-1@mail.ru*

***Гафуров Халимджон,*** *кандидат физико-математических наук, доцент кафедры информационно-аналитических систем Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: halim@rambler.ru*

***Information about the authors:***

***Boltuyev Samad Sharifboyevich,*** *candidate of Juridical Sciences, Associate Professor of the department of civil enterprising and international Law under the Tajik State University of law, business and politics (Tajikistan, Khujand), e-mail: legalsupport-1@mail.ru*

***Gafurov Khalimjon,*** *candidate of Physico-Mathematical Sciences, Associate Professor of the department of automatized informational systems under the Tajik State University of law, business and politics (Tajikistan, Khujand),*
*e-mail: halim@rambler.ru*